# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2026. – 39 саҳ.)**

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи конститутсионӣ дахл дорад, зеро он ба таҳлили ҳуқуқӣ ва институтсионалии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон дар доираи меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Дар шароити ташаккули давлатдории муосири тоҷикон ва таҳкими пояҳои давлати ҳуқуқбунёд, масъалаи арзёбии илмии заминаҳои конститутсионии сулҳ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти вижа касб менамояд. Таҷрибаи солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва марҳилаи баъди он нишон дод, ки барқарорсозии суботи сиёсӣ ва ҳифзи якпорчагии давлатӣ бо низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ алоқаманд буда, омӯзиши ин раванд аз нигоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ муҳим ва зарур мебошад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаи мазкурро на ҳамчун мавзуи сирф таърихӣ ё сиёсӣ, балки ҳамчун падидаи дорои табиати ҳуқуқӣ таҳлил намудааст. Дар таҳқиқ фаъолияти сулҳофарона дар робита бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, ҷойгоҳи он дар низоми институтҳои давлатӣ муайян шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллатро дар ду сатҳ таҳлил намояд: аввал, ҳамчун омили барқарорсозии сохти конститутсионӣ дар давраи буҳронӣ; дуюм, ҳамчун унсури таъсиргузор ба рушди минбаъдаи давлатдории ҳуқуқбунёд ва сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки фаъолияти сулҳофарона ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф модели назариявии танзими мазкурро пешниҳод намуда, нишон медиҳад, ки фаъолияти сулҳофарона бо принсипҳои асосии конститутсионӣ – волоияти Конститутсия, соҳибихтиёрии давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон – робитаи мустақим дорад. Ин нуқтаи назар имкон медиҳад, ки фаъолияти мазкур ҳамчун падидаи дорои заминаи меъёрӣ арзёбӣ гардад, на танҳо ҳамчун натиҷаи раванди сиёсӣ.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ мебошанд, зеро онҳо ба муайян намудани моҳияти ҳуқуқии фаъолияти сулҳофарона, тавзеҳи механизми ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои Миллат ва шарҳи ҷойгоҳи он дар низоми институтҳои конститутсионӣ равона шудаанд. Пешниҳодҳои амалие, ки дар автореферат ифода ёфтаанд, ба такмили қонунгузории миллӣ ва рушди сиёсати ҳуқуқии давлат нигаронида шудаанд ва метавонанд дар муҳокимаҳои илмӣ ва қонунэҷодкунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Муаллиф сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ ба таври низомнок таҳлил ва баррасӣ намуда, ба хулосаҳои асоснок омадааст, аз ҷумла дар автореферат қайд мегардад, ки «сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат асоси давлати муосири тоҷиконро гузошт. Бо қабули Конститутсияи соли 1994, эҳёи сохторҳои давлатӣ, баргузории аввалин интихоботи президентӣ ва парлумонӣ, татбиқи барномаҳои васеи иқтисодӣ, таъсиси ниҳодҳои амниятӣ ва дипломатӣ, Тоҷикистон ба марҳилаи нави давлатдорӣ ворид гардид. Сулҳи тоҷикон аз рӯйи моҳият таҷрибаи нодири созиши миллӣ ва дипломатияи давлатбунёдӣ буда, ба ҳайси намунаи муваффақи ҳаллу фасли муноқишаи дохилӣ дар миқёси ҷаҳон эътироф шудааст» (саҳ.22).

Дар маҷмуъ, автореферат сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф, дониши амиқи ӯро дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва қобилияти таҳқиқоти мустақилона нишон медиҳад. Натиҷаҳои пешниҳодшуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим мебошанд.

Дар қисмати хулоса муаллиф сатҳи баланди омодагии илмӣ, малакаи таҳлили мустақилона ва қобилияти коркарди масъалаҳои мураккаби марбут ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмонро ба таври равшан нишон додааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда бар пояи таҳлили низомнок ва амиқи меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории миллӣ таҳия гардида, моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаро ҳамчун падидаи дорои заминаи устувори конститутсионӣ асоснок менамоянд.

Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ буда, ба рушди фаҳмиши илмӣ оид ба ҷойгоҳи фаъолияти сулҳофарона дар низоми институтҳои давлатӣ ва робитаи он бо принсипҳои волоияти Конститутсия, соҳибихтиёрии давлатӣ ва ваҳдати миллӣ мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ, дар автореферат чанд нуқтаи такмилёбанда мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар хулоса (масалан, бандҳои 3–6) ба тавсифи нақши таърихии Пешвои миллат бештар таваҷҷуҳ дода шудааст, вале хулосаи назариявӣ дар бораи табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона ба таври возеҳ ҷамъбаст нашудааст.

Сарфи назар аз камбудиҳо ва нуктаҳои ҷудогонае, ки дар ҷараёни таҳлил қайд гардиданд, автореферати диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод пурра ба талаботе, ки нисбат ба рисолаҳои номзадӣ пешниҳод мегарданд, ҷавобгӯ буда, дорои аҳаммияти возеҳи илмӣ мебошад. Муҳтавои автореферат имкон медиҳад ба чунин хулоса омад, ки диссертатсия дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, таҳқиқоти

мустақил, мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва ба тамоми меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои корҳои илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ муқаррар шудаанд, мутобиқат менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, муаллифи диссертатсия Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дониста мешавад. Таҳқиқот ҳам бо амиқии назариявӣ ва ҳам бо аҳаммияти амалии натиҷаҳо фарқ намуда, арзиши баланди илмӣ ва татбиқии онро тасдиқ менамояд.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва
маъмурии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Наимзода Б.Ғ.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино кучаи Нахимов 6/3 ҳуҷ. 103.
Тел.: (+992) 985909158
Email: naimov_bobojon@mail.ru

Имзои Наимзода Б.Ғ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«12» 03 2026 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10; Email: info@tnu.tj